# Умури фитрат панҷ чиз аст: хатна кардан, тоза кардани мӯйҳои зери ноф, кӯтоҳ кардани мӯйлаб, кӯтоҳ кардани нохун ва кандани мӯйҳои зери бағал

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегуфт: "Умури фитрат панҷ чиз аст: хатна кардан, тоза кардани мӯйҳои зери ноф, кӯтоҳ кардани мӯйлаб, кӯтоҳ кардани нохун ва кандани мӯйҳои зери бағал."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) панҷ хусусиятро, ки аз дини Ислом ва суннатҳои паёмбарон ҳастанд, баён карданд. Якум: хатна кардан, яъне буридани пӯсти зиёдатии олати мард, ки дар қисмати нуги олат ҷой дорад ва инчунин буридани нӯги пусте, ки бар болои шармгоҳи зан ва дар ҷойи воруди олати ӯ қарор дорад, мебошад. Дуввум: истиҳдод, тарошидани мӯйе ки дар атрофи шармгоҳ аст. Севум: кӯтоҳ кардани мӯйлаб, кӯтоҳ кардани он чи бар руйи лаби болои руйидашуда аст, ба шакле, ки лаб намоён бошад. Чаҳорум: кӯтоҳ кардани нохунҳо. Панҷум: кандани мӯйи зери бағал.

https://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3144